**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ**

# Бонки ҷаҳонӣ Тоҷикистонро дар рушди савдои электронӣ дастгирӣ мекунад

**ДУШАНБЕ, 1 марти с. 2024 –** Имрӯз Бонки ҷаҳонӣ ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC), нахустин конфронсро оид ба вусъатдиҳии дастрасии глобалӣ тавассути савдои электронӣ (E-GATE) дар Тоҷикистон бо дастгирии Вазорати корҳои хориҷӣ, иттиҳод ва рушди Британияи Кабир (FCDO), Вазорати корҳои хориҷӣ ва савдои Австралия (DFAT) ва Котиботи давлатии Швейтсария оид ба масъалаҳои иқтисодӣ (SECO), ҳусни оғоз бахшиданд.

Дар Осиёи Марказӣ савдои электронӣ ба як воситаи тавонои воридшавӣ ба бозорҳои глобалӣ барои маҳсулоти истеҳсоли дохилӣ, навсозии занҷирҳои анъанавии таъминкунӣ ва мусоидат ба афзоиши фарогир тавассути фароҳам овардани имкониятҳои дастраси шуғл, табдил меёбад. Дар давоми даҳсолаи охир, рушди савдои электронӣ дар саросари ҷаҳон ба ҳисоби миёна дар як сол 20%-ро ташкил дод, дар ҳоле ки мағозаҳои анъанавӣ бо мушкилӣ ҳамқадами замона мемонанд. Савдои электронӣ монеаҳои географиро тавассути ҷалби нерӯи кории бохабар аз фанноварихо ва бартараф намудани мушкилиҳои алоқаманд бо мавҷуд набудани баромади Тоҷикистон ба баҳр, паси сар менамояд.

Чанде пеш қабул намудани қонун “Дар бораи савдои электронӣ” дар Тоҷикистон бори дигар ҷонибдории ҳукуматро дар самти танзим ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва субъектҳои машғули савдои электронӣ, инъикос мекунад. Ҳадафи ин заминаи меъёрию ҳуқуқӣ таъмини фаъолияти муназзами савдои электронӣ дар кишвар маҳсуб меёбад.

Конфронс як майдони муҳим барои тарафҳои манфиатдори шинохта дар бахши савдои электронӣ на танҳо аз Тоҷикистон, балки аз мамлакатҳои ҳамсоя низ аз он ҷумла Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғиз, Ӯзбекистон, Туркманистон мебошад. Дар чорабинӣ шарикони бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ширкатҳои маъруф, сиёсатмадорон ва ширкатҳои бузурги байналмилалии савдои электронӣ, аз қабили Amazon, Alibaba, Lenovo, Coursera, VISA, Uzum Group, Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта, Бонки марказии Бразилия ва ғ. иштирок варзиданд. Ғайр аз ин, дар ҷараёни конфронс сессияҳои намоишӣ гузаронида шуданд, ки дар давоми онҳо ширкатҳои тоҷикӣ ба монанди “Алиф”, “Вавилон”, “Оббо” ва “Мавсим” роҳҳалҳои инноватсионии худро намоиш доданд.

*“Бо эътирофи нақши калидии савдои электронӣ дар иқтисоди муосир, Бонки ҷаҳонӣ дар раванди рушду инкишофи платформаҳои муносиб, аз он ҷумла тавассути барномаи E-GATE Тоҷикистонро фаъолона дастгирӣ мекунад. Бо ёрии барномаи E-GATE мо ба корхонаҳои хурду миёнаи тоҷик узвияти боарзишро дар платформаҳои ҷаҳонии савдои электронии B2B бо мақсади ба даст овардани дастрасӣ ба бозоре, ки дар шакли офлайн дастрас набуд, расониданӣ дастгирии техникӣ ба ҳукумат дар таҳияи қонунгузории иҷозатдиҳӣ ва равонасозии донишҳои глобалӣ ба савдогарони электронии тоҷик тавассути чорабиниҳои тақвиятдиҳии тавонмандӣ, пешниҳод мекунем”,* **қайд намуд Озан Севимли, намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон.**

Дар байни шарикони конфронс созмону ташкилотҳои зерин иштирок доштанд: Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Шаҳри ҳушманди Душанбе», Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID), Маркази савдои байналмилалӣ (ITC), Маркази соҳибкории байналмилалии хусусӣ (CIPE), Хазинаи Оғо Хон, Хазинаи ҷамъиятии «Ташаббуси сиёсати интернетии шаҳрвандӣ», Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёна дар Тоҷикистон, Ассотсиатсияи иштирокчиёни савдои электронии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон.

Дар ҷараёни конфронс ҳамчунин як қатор тафоҳумномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расид, ки ба таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ байни ассотсиатсияҳои гуногун мусоидат мекунанд, аз он ҷумла: Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурду миёнаи Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи фурӯшандагони Ӯзбекистон; Ассотсиатсияи иштирокчиёни савдои электронии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи савдои электронии Ӯзбекистон; Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи технологияҳои молиявии Ӯзбекистон.

Ҳадафи аслии конфронс мусоидат ба табодули дониш ва захираҳо байни корхонаҳои хурду миёна дар Тоҷикистон ва ҳамчунин бо бозигарони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар экосистемаи савдои электронӣ буд. Ба воситаи муколамаи сиёсӣ, ки чунин ҷанбаҳои муҳимро ба монанди алоқаи рақамӣ, логистика, малакаҳои рақамӣ, низомҳои пардохт ва заминаи меъёрии ҳуқуқӣ фаро мегиранд, конфронс барои муносибатҳои пурмаҳсул байни Тоҷикистон ва захираҳои ҷаҳон замина гузошт. Интизор меравад, ки ин чорабинӣ дар фароҳам овардани шароитҳои мусоид, амалисозии сиёсати минбаъда ва ошкор намудани имконниятҳои сармоягузорӣ дар бахши савдои электронӣ ҳамчун қадами аввалин хизмат мекунад.

**РАҚАМИ ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ:** 2024/ECA/070


**Маълумот барои тамос:**

*Дар Душанбе:* Дилафруз Зоирова, + 992 48 701 5820, *dzoirova@worldbankgroup.org*

*Дар Вашингтон:* Сона Панаҷян, + 1 (202) 473 9751, *spanajyan@worldbank.org*


*Маълумоти иловагӣ дар бораи лоиҳаҳо ва фаъолияти Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон: www.worldbank.org/tj*

Саҳифаи мо дар Facebook: https://www.facebook.com/WorldBankTajikistan
Хабарҳои навин тавассути Twitter: http://www.twitter.com/worldbankeca
Наворҳо дар канали YouTube: http://www.youtube.com/worldbank